# ПРОТОКОЛИ № 15 - и

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-010-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «19» июни соли 2025 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои
диссертатсионӣ 13 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

19 июни соли 2025 соати 13:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) ҷаласаи шурои диссертатсионӣ 6D. КОА-010 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа 14:50.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои химия, дотсент Бекназарова Н.С.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «19» «январи» соли 2022 тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 13 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктoрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо[β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ.

Диссертатсия дар озмоишгоҳи «Химияи глитсерин»-и ба номи д.и.хим., профессор, узви вобастаи АМИТ Кимсанов Б.Ҳ., назди Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҷабзода Сироҷиддин Икром мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Раҳмонов Раҳмон Оҳонович** - доктори илмҳои химия, муовини директори Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

2. **Муродзода Диловар Сайфулло** - номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шоҳтемур.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. Раиси шуро: Раҳимова М.
2. Котиби илмии шуро: Бекназарова Н.С.

Унвонҷӯ: Саидова Шаҳноза Икромидиновна.

Саидова Ш.И. ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои химия, профессорон: Бандаев С.Г., Раҷабов У.Р., доктори илмҳои химия Пулатов Э.Х. ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ - Раҷабзода С.И. шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. Раҳмонов Раҳмон Охонович - доктори илмҳои химия;
2. Муродзода Диловар Сайфулло - номзади илмҳои химия, дотсент.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Бобизода Ғ.М. - доктори илмҳои биология, профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва заҳршиносии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино;
2. Файзилов И.У. - доктори илмҳои химия, профессори кафедраи биоорганикӣ ва физколлоидии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»;
3. Абдуллоев Т.Ҳ. - ходими пешбари илмии озмоишгоҳи синтези органикии Институти химияи ба номи В.И.Никитини АМИТ, номзади илмҳои химия, дотсент.
4. Маҳкамзода Б.Ҳ. - номзади илмҳои химияи кафедраи ташхиси клиникии озмоишгоҳи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»;
5. Акбарова М.М. - номзади илмҳои химия, дотсент, декани факултети илмҳои табиии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ - доктори илмҳои химия, профессор. Раҷабов У.Р. (раис), доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессор Норова М.Т. (аъзо), доктори илмҳои химия, профессор Қурбонов А.С. (аъзо), интихоб гардиданд.

Аз 13 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 13 иштирок намуданд: аз инҳо 5 нафар доктарони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Саидова Шаҳноза Икромидиновна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

аз «19» июни соли 2025 ш. Душанбе

Суханронии Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо [β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ, тақризи муассисаи пешбар - номзади илмҳои химия дотсенти кафедраи химияи ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Валиев Р., суханронии муқарризони расмӣ - доктори илмҳои химия, профессор, муовини директори Институти химияи ба номи В.И.Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Раҳмонов Р.О. ва номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Муродзода Д.С., муқарризони ғайрирасмӣ - доктори илмҳои биология, профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва заҳршиносии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Бобизода Ғ.М., - доктори илмҳои химия, профессори кафедраи биоорганикӣ ва физколлоидии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» Файзилов И.У., - ходими пешбари илмии озмоишгоҳи синтези органикии Институти химияи АМИТ ба номи В.И.Никитин

номзади илмҳои химия, дотсент Абдуллоев Т.Ҳ., - номзади илмҳои химияи кафедраи ташхиси клиникии озмоишгоҳи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» Маҳкамзода Б.Ҳ., - номзади илмҳои химия, дотсент, декани факултети илмҳои табиии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Акбарова М.М. - ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Саидова Ш.И.

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо[β]тиофенӣ ва 1-тиохроманӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Саидова Шаҳноза Икромидиновна дараҷаи илмии номзади илмҳои химия дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои химия ба Саидова Ш.И. аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 13 нафар. Муқобил - нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия Бекназарова Н. С.

аз « 19 » июни соли 2025